Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 86 (4826) | ЧОРШАНБЕ, 3 ИЮЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ШАҲБОЗ ШАРИФ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Дуюми июли соли 2024 Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.**

Маросими истиқболи расмии меҳмони воломақом дар майдони Қасри миллат, ки ба ин хотир идона ороста буд, баргузор гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шарифро самимона истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват намуданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузаштан аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон ва шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан ва гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди Пешвои миллат ва меҳмони воломақом анҷом ёфт.

**2-юми июли соли ҷорӣ баррасии масоили рушду густариши муносибатҳои дӯстию ҳамкории Тоҷикистону Покистон дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо оғоз гардида, бо иштироки ҳайатҳои васеи ҳар ду ҷониб идома ёфт.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олиқадр - Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф ва ҳайати расмии ин кишварро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

- Мо имкониятҳои тиҷоративу иқтисодии Покистон, мавқеи геостратегӣ ва нуфузи онро дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва ҷаҳони ислом хеле муҳим медонем. Аз ин рӯ, алоқаманди таҳкиму тавсеаи ҳамкории худ бо кишвари бародари Покистон ҳастем, - таъкид доштанд дар оғози мулоқот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар ҷараёни вохӯрӣ фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва илмиву техникӣ ва маҷмӯи масъалаҳои вобаста ба густариши ҳамаҷонибаи пайвандҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистону Покистон муҳокима гардид.





Дар ин зимн, ҷонибҳо хоҳони густариши бештари робитаҳо дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, нақлиёт, энергетика, бахшҳои мухталифи саноат, аз ҷумла саноати сабук ва хӯроквορӣ, истихроҷу коркарди маъдан ва кишоварзӣ, шуданд.

Ҳамчунин, бо мақсади вусъат додани ҷанбаҳои дигари ҳамкорӣ баргузории ҷаласаи гурӯҳҳои кории муштарак оид ба нафту газ, энергетика, Шурои муштараки соҳибкорон, Форуми соҳибкории Тоҷикистону Покистон ва таъсис додани Шурои муштараки ширкатҳои боркашонии ҳар ду кишвар зарур шуморида шуд.

Ҷонибҳо зимни баррасии масоили ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика татбиқи сариваќтии лоиҳаи CASA-1000-ро пайвандгари воқеии кишварҳои минтақаи фарохи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ номиданд.

Дар идомаи мулоқот масъалаи дастрасӣ ба долонҳои байналмилалии нақлиётӣ ва бандарҳои ҷаҳонӣ, хусусан роҳҳо ва бандарҳои обии Покистон, муҳокима шуда, ҷонибҳо ба амалисозии лоиҳаҳои пайвастшавии ҳар ду кишвари дӯст тавассути роҳҳои мошингарду оҳан диққати зиёд доданд.

Рушди ҳамкории дуҷониба дар самти логистика ва баррасии имкониятҳои таъсис додани марказҳои логистикӣ дар яке аз минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон ва шимоли Покистон ба манфиати кор дониста шуд.

Густариши робитаҳо дар соҳаҳои илму маориф, ҷудо кардани бурсияҳо барои донишҷӯён, рушди муносибатҳои фарҳангию башардӯстӣ ва тандурустӣ аз масъалаҳои дигари музокироти сатҳи олӣ буд.

Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ оид ба раванди ташвишовари бесубот гардидани вазъи ҷаҳон, осебпазир шудани низоми амнияти байналмилаливу минтақавӣ ва мубориза бо таҳдиду хатарҳои фаромиллӣ табодули андеша намуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## АНТОНЕЛЛА БАССАНӢ ВА ХЕЛА ШЕЙХРОУХУ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Якуми июли соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноиби Президенти Бонки умумиҷаҳонӣ Антонелла Бассанӣ ва ноиби Президенти Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ Хела Шейхроухуро ба ҳузур пазируфтанд.**





Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо сохторҳои гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ, аз ҷумла Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, баррасӣ шуд.

- Тоҷикистон гурӯҳи Бонки умумиҷаҳониро яке аз шарикони асосии худ медонад - иброз доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат.

Таъкид гардид, ки давоми 30 соли ҳамкории пурсамар портфели маблағгузории Бонки умумиҷаҳонӣ аз Ассотсиатсияи байналмилалии рушд ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, дар маҷмӯъ, беш аз 190 лоиҳаро ба маблағи умумии зиёда аз 3,2 миллиард доллар дар бар мегирад.

Пешбурди «иқтисоди сабз», истеҳсоли «неруи сабз», рақамикунонӣ ва ҷорӣ намудани «технологияҳои сабз» аз мавзуъҳои дигар ва муҳими вохӯрӣ буд.

Дар идомаи суҳбат Президенти кишвар бо истифода аз ҳузури хонум Шейхроуху, алоқамандии Тоҷикистонро ба истифодаи фаъоли имкониятҳои ҳамкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ иброз намуданд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисоди Тоҷикистон ва хавфҳои афзоишёбанда ба робитаҳои тиҷоратӣ дар бозорҳои ҷаҳониро муҳокима намуданд. Дар ин зимн, тобовар намудани иқтисодиёт ба таҳдиду хатарҳои имрӯза, пеш аз ҳама, бо роҳи ҷалби бештари сармоя ва идомаи раванди ислоҳот тақозои замон номида шуд.

Дар рафти суҳбат, инчунин, масоили рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, энергетикӣ, саноат, кишоварзӣ, инфрасохторию коммуникатсионӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва коҳиш додани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ баррасӣ гардид.

Густариши муносибатҳо бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ҷиҳати инкишофи бозорҳои молиявӣ, зерсохтори энергетикиву бахшҳои воқеии иқтисодиёт, соҳаҳои сайёҳиву хизматрасонӣ зарур шуморида шуд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, оид ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ табодули андеша сурат гирифт.



## БАРРАСИИ МАСОИЛИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ШВЕЙТСАРИЯ

**Дуюми июли соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири федералии корҳои хориҷӣ Инясио Кассис, вазири федералии молия Карин Келлер-Зуттер ва раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Ҷорданро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистону Швейтсария ва робитаҳои онҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ баррасӣ гардиданд.

- Мо Конфедератсияи Швейтсарияро шарики боэътимоди худ дар арсаи байналмилалӣ медонем ва кишвари Шумо дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми хоса дорад - изҳор доштанд дар оғози вохӯрӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Густариши минбаъдаи робитаҳо дар ҳама соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз қабили бахшҳои сиёсӣ, робитаҳои байнипарлумонӣ, иқтисодӣ ва кишоварзӣ, судбахш номида шуд.

Ҷалби сармояи Швейтсария ва технологияҳои муосири он ба рушди соҳаҳои гидроэнергетика, саноати сабук ва хӯроквορӣ, фармасевтика, истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, рақамикунонии иқтисодиёт зарур шуморида шуд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот, инчунин, оид ба роҳандозии ҳамкорӣ дар бахшҳои дигари судовар, аз ҷумла сайёҳӣ, равобити зичи фарҳангию башарӣ ва илму маориф, табодули афкор намуданд.

Аз ҳамоҳангиҳои доимӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба масъалаҳои калидии замони муосир изҳори қаноатмандӣ карда шуда, дастгирии доимии Швейтсария дар татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим таъкид гардид.

Дар рафти мулоқот, ҳамчунин, ҳамкорӣ дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, тундгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ, муҳокима карда шуд.

**www.prezident.tj**



# ШАҲБОЗ ШАРИФ ДАР ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

Аз ҳамкории пайвастаи Тоҷикистону Покистон дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Ба кишвари дӯсти Покистон ҷиҳати пуштибонии доимӣ аз ташаббусҳои муҳими Тоҷикистон дар ҷодаи об ва иқлим изҳори миннатдорӣ карда шуд.

Дар рафти мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Покистон, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мубрами мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

**2-юми июли соли равон пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Покистон маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор гардида, дар ҳузур ва бо иштироки Пешвои миллат ва Сарвазири Покистон 9 санади муҳим ба имзо расид.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф ба Изҳороти муштарак байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон аз натиҷаи сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созишномаи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон имзо гузоштанд.

Сипас, санадҳои зерин ба имзо расиданд:

- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон барои солҳои 2025-2026;
- Протоколи нияти ҳамкорӣ байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати федералии корҳои баҳрии Ҷумҳурии Исломии Покистон дар бораи густариши ҳамкорӣ дар содирот ва воридоти молҳо ва маҳсулоти саноатӣ;
- Созишнома оид ба ҳамкории илмӣ байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Покистон;
- Харитаи роҳ байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Исломии Покистон;
- Ёддошти тафоҳуми иловагӣ байни Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маъмурияти авиатсияи граждании Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба хизматрасонии алоқаи ҳавоӣ;
- Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, Тоҷикистон) ва Донишгоҳи Панҷоб (Лаҳор, Покистон);
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Федератсияи крикети Тоҷикистон ва Шурои крикети Покистон.

Пас аз анҷоми маросими имзои санадҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шаҳбоз Шариф нишасти матбуотӣ ороста, натиҷаҳои мулоқоту музокироти Тоҷикистону Покистонро неку самарабахш арзёбӣ намуданд.

**www.prezident.tj**

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР НИШАСТИ МАТБУОТӢ ПАС АЗ МУЗОКИРОТ БО САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН ШАҲБОЗ ШАРИФ

шаҳри Душанбе, 2 июли соли 2024

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,**

**Хонумҳо ва ҷанобон,**

Нахуст дӯсту бародари гиромии худ, Ҷаноби Олӣ Шаҳбоз Шариф Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ҳайати ҳамроҳашонро бори дигар хайрамақдам мегӯям.

Мо аз идомаи пайвастаи раванди тамосҳои сиёсии Тоҷикистон ва Покистон дар сатҳи олӣ изҳори қаноатмандӣ менамоем.

Музокироти мо зимни сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷаноби Олӣ Шаҳбоз Шариф чун анъана дар фазои ҳусни тафоҳуми комил, самимият ва эътимод ба ҳамдигар сурат гирифтанд. Мо натиҷаҳои мулоқотҳои имрӯзаро омили муҳими таҳкиму тавсеаи тамоми маҷмӯи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон арзёбӣ менамоем.

Имрӯз ҷонибҳо бастаи нави санадҳои ҳамкориро ба имзо расониданд, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатии ду кишвари ба ҳам дӯстро дучанд тақвият мебахшанд. Бахусус, мехоҳам аҳамияти таърихии Созишнома дар бораи шарикии стратегиро таъкид намоям.

Бовар дорам, ки сатҳи сифатан нави робитаҳои ду ҷониб омили рушди самарабахши онҳо дар ҳамаи самтҳои ҳамкорӣ хоҳад гардид. Ҳар ду ҷониб бар он назаранд, ки ҳамкории фарогир ва созанда комилан ҷавобгӯи манфиатҳои дарозмуддати мардумони ду кишвар мебошад.

Ҳамзамон бо ин, таъкид гардид, ки пешбурди ин раванд ба густариши ҳамгироии минтақавӣ ва таҳкими сулҳу субот дар минтақаи фарохи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Мо сатҳи имрӯзаи ҳамдастиву эътимоди сиёсии миёни ду кишварро баланд арзёбӣ намуда, муколамаи мунтазам ва пурмазмуни сиёсиро омили такондиҳандаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ду ҷониб медонем.

Дар айни замон мувофиқи мақсад мебуд, ки арсаи ҳамкориҳои иқтисодӣ тавассути идомаи самарабахши кори Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ тавсеа дода шавад.

Дар ҷараёни мулоқоти сатҳи олӣ мо ба таври муфассал маҷмӯи масъалаҳои муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву техникӣ ва фарҳангии дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор додем. Вобаста ба ин, имконоти фаровони густариши муносибатҳои дуҷониба дар ҳамаи ин самтҳо зикр карда шуд. Ҳамчунин, аҳамияти тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ махсус таъкид гардид.

Қобили тазаккур аст, ки соли равон дар асоси муқаррароти Созишнома дар бораи тиҷорати транзитӣ, ки моҳи декабри соли 2022 ба имзо расида буд, бори аввал аз Покистон корвони мошинҳои боркаши Ширкати миллии логистикии Покистон ба Тоҷикистон ворид шуд.

Мо умед дорем, ки доираҳои сармоягузори кишвари дӯсти Покистон дар фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон ва татбиқи лоиҳаҳои бузургу миёнаи он иштироки фаъолу судманд хоҳанд дошт. Ин, алалхусус, ба барномаҳои рушди саноат, энергетика, инфрасохтори энергетикиву нақлиётӣ, сайёҳӣ, маориф ва тандурустӣ тааллуқ дорад.

Яке аз лоиҳаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ ва барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ муҳим барномаи CASA -1000 мебошад. Ҷараёни татбиқи ин лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқ дар маркази диққати мо қарор дошт.

Тоҷикистон кишвари маҳсур бо хушкист. Дар ин замина, мо бори дигар манфиатдории худро ба истифодабарии имконоти бандарҳои баҳрии Покистон ва шабакаҳои мавҷудаи транзитӣ барои тавсеаи тиҷорат дар сатҳи минтақа таъкид доштем.

Ҳар ду ҷониб нисбат ба мавзуоти густариши ҳамкории фарҳангиву башарӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Дар робита ба ин, аз ҷониби мо ба аҳамияти амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва тавсеаи робитаҳои илмиву техникӣ ишора карда шуд.

Мо доир ба номгӯйи фарохи масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор намудем. Вобаста ба ин, нисбат ба мавзуи рушду такомули густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, созмонҳои ҳамкории исломӣ ва ҳамкории иқтисодӣ, дигар сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд.

Зимни муҳокимаи вазъияти имрӯзаи минтақа қазияи Афғонистон мавриди диққати ду ҷониб қарор дошт. Ҷониби Тоҷикистон бар он аст, ки суботи комил ва барқарории иҷтимоиву иқтисодии Афғонистон барои таъмини амният ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ аҳамияти хоса дорад. Ба ин манзур, Тоҷикистон ҳамеша манфиатдори он аст, ки дар ин кишвари ҳамҷавор сулҳу амонии пойдор ҳукмфармо бошад. Дар ин раванд таъсиси ҳукумати воқеан ҳамашумулро омили калидӣ мешуморем.

Масъалаҳои мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, ки ба амнияти ҳар ду кишвар ва тамоми минтақа хатари ҷиддӣ эҷод месозанд, мавриди баррасии мо қарор доштанд. Дар ин самт бештар ҳамоҳанг намудани фаъолияти хадамоти махсус ва дигар сохторҳои марбутаи ду давлат тақозои замон дониста шуд.

Мо аз сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷаноби Олӣ Шаҳбоз Шариф изҳори қаноатмандии комил менамоем. Натиҷаҳои дар доираи ин сафар бадастомадаро боз як қадами муҳим дар самти густариши муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди ду кишвар арзёбӣ мекунем.

Ҳоло риштаи суханро бо камоли майл ба Ҷаноби Олӣ медиҳам.

Марҳамат, бародари гиромӣ.

* * *

**Ташаккур, Ҷаноби Олӣ.**

Аз даъвати Шумо ҷиҳати анҷом додани боздид аз сарзамини Покистони дӯст сидқан миннатдорам. Бо камоли сарфарозӣ аз ин даъвати дӯстонаи Шумо истифода хоҳам кард.

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,**

Нишасти матбуотии мо ба поён расид, барои иштирок дар он ба ҳамаи ҳозирин сипоси хешро изҳор менамоям.

**Саломат бошед!**





# БАРРАСИИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ БО ПОКИСТОН

**3-юми июли соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, ки бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки ба шарофати сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти олии ҳар ду кишвар муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкориҳои фарогири ду давлат дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудаанд.

Густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Исломии Покистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳар ду кишвари дӯсту бародар – Тоҷикистону Покистонро арзишҳои олии фарҳангиву таърихӣ ва тамаддунӣ ба ҳам мепайванданд.

Зимни мулоқот зикр гардид, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо парламенти кишвари бародари Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳамкориҳои пурмаҳсулу судмандро ба роҳ монда, тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ ва дигар масъалаҳои барои халқу кишварамон муҳимро мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳанд.

То имрӯз аз шумораи умумии санадҳои ҳамкории дуҷониба 9-тои он тавассути парлумони кишварҳоямон тасдиқ гардида, вобаста ба талаботи замони муосир зарур шуморида шуд, ки амалигардонии онҳо бозбинӣ ва тақвият дода шаванд.

- Дар мақомоти қонунгузори ҳар ду кишвар гурӯҳҳои дӯстӣ бо парлумонҳои кишварҳои ҳамдигар ташкил дода шудаанд. Албатта, ҷониби мо барои тақвияти робитаҳои дуҷониба дар сатҳҳои гуногун, аз ҷумла табодули сафарҳои кории ҳайатҳои парлумонии ду кишвар ва роҳандозии дипломатияи парлумонӣ, аҳамияти хоса медиҳад. Шоиста ба зикр аст, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои фаъоли Ассамблеяи парламентии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ мебошад, ки дафтари кории он дар шаҳри Исломобод ҷойгир аст. Дар робита ба ин намояндагони парлумони кишвари мо дар ҷаласаҳои доимии ассамблеяи мазкур ширкат меварзанд ва доир ба густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ байни давлатҳои аъзо мавқеи худро баён менамоянд,- иброз дошт Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар интиҳо гуфта шуд, ки мо ҷонибдори рушди муносибатҳои кишварҳоямон ҳастем ва омодаем, ки ҷиҳати тавсеаи минбаъдаи онҳо дар ҳамаи сатҳҳо талошҳои дучанд варзем.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ТОҶИКИСТОН БО ТАШАББУСҲОИ ГЛОБАЛӢ НАМУНАИ ИБРАТ АСТ

**Даҳуми июни соли равон дар доираи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон зери унвони «Захираҳои об ва устувории демографӣ ба манфиати ҷавонон» форуми байналмилалии парламентӣ доир гардид, ки дар он намояндагони беш аз 20 кишвар иштирок доштанд. Вобаста ба аҳамияти «Раванди оби Душанбе» андешаҳои иштирокчиёнро пурсон шудем, ки чанде аз онҳо пешниҳод мегардад.**

**Ҳенк ОВИНК, директори иҷроияи Комиссияи ҷаҳонӣ оид ба иқтисодиёти об:**



- Нақши Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар ҳалли мушкилоти таъмини аҳолии сайёра бо об ва дигар масъалаҳои ба он марбут хеле муҳим аст.

Ҳадаф аз ҷамъ шудани мо дар ин чорабинии сатҳи баланд таъмини тамоми сокинони сайёра бо оби «сабз» (тоза) мебошад. Ин ҷо мо на танҳо тоза нигоҳ доштани оби дарёву баҳрҳо, балки ҳифз ва сарфакорона истифода намудани обҳои зеризаминиро низ дар назар дорем. Тағйирёбии иқлим ба гардиши об дар табиат таъсири манфӣ мерасонад. Ҳоло ки дер нашудааст, бояд тамоми кӯшишҳо барои тоза нигоҳ доштану беҳтар кардани сифати об равона шавад.

Дар баробари ҷудо кардани маблағ барои таъмини оби тоза фарҳанги муносибат ба обро низ тағйир бояд дод. Яъне, муносибат бояд сарфакоронаю ғамхорона бошад.

Имрӯз қариб 50 дарсади аҳолии Осиёи Марказиро ашхоси то 30-сола ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҷалб намудани ҷавонон ба ҳалли масоили вобаста ба об зарур аст. Захираҳои мавҷудаи об арзиши баланд дошта, касе ҳақ надорад аз он суиистифода намояд. Пас, бояд аз он захирае, ки дар ихтиёр дорем, одилонаю оқилона баҳрабардорӣ кунем.

Барои ояндаи неки сайёра бояд тамоми захираҳои табиӣ, аз ҷумла об ва хокро пок нигоҳ дошта, ҳар як ташаббуси наҷиброи дар ин самт бо дасту дили кушода ҷонибдорӣ намоем.

**Лейлия АКБАЕВА, профессори кафедраи «Идоракунии ҳифзи муҳити зист»-и Донишгоҳи Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон:**



- Иштирокчиёни «Раванди оби Душанбе»-ро як масъала – дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти обу иқлим муттаҳид месозад.

Осиёи Марказӣ аз лиҳози обу иқлим минтақаи нисбатан осебпазир буда, ҳалли ин мушкилот дар танҳоӣ муяссар намешавад. Дарёҳои бузурги минтақа сарҳадгузар буда, ҷумҳуриҳои ҳамсоя аз ҳамдигар вобастагӣ доранд.

Бисёр пешниҳодҳои ҷолиб баён шуданд. Воқеан, бояд дастовардҳои илмӣ ва навгониҳои технологии вобаста ба истифодаи самараноку сарфакоронаи об тарғиб шаванд.

Аҳолии Осиёи Марказӣ босуръат меафзояд. Агар вобаста ба таъмини об фавран чораандешӣ нашавад, даҳсолаи минбаъда норасоии об метавонад боиси ба миён омадани як қатор мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ гардад. Барои он ки чунин ҳолат рӯй надиҳад, кишварҳои минтақа бояд ҳамкориро дар самти дипломатияи об густариш диҳанд.

Тоҷикистон дар ин самт фаъол аст. Як қатор чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ оид ба масоили об маҳз дар ин кишвар баргузор гардиданд. Сиёсати дипломатияи об, ки Тоҷикистон пеш мебарад, ҳамчун воситаи муҳими таъмини идоракунии самараноки захираҳои муштараки об ва таҳкими ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ба шумор меравад.

**Сибғатуллоҳ СОҲИБЗОДА, вакили Ассамблеяи миллии Покистон:**

- Пеш аз ҳама, мехоҳам миннатдории хешро барои истиқболи гарму самимӣ ба дастандаркорони ин чорабинии сатҳи баланд баён намоям.

Дар форум ба бисёр мавзуъҳои мубрами рӯз, аз ҷумла тавонмандсозии занон, ҷавонон, баробарии гендерӣ, устувории демографӣ, рафъи камбизоатӣ, норасоии об ва тағйирёбии иқлим, таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Вакилони мардумӣ, олимону коршиносони масоили экологӣ андешаю пешниҳодоти ҷолиб баён карданд.



Баргузории ин гуна чорабиниҳои сатҳи баланд имкон медиҳад, ки ҳамкориро баҳри ҳалли мушкилоти обу иқлим пурзӯр намоем.

Покистон ҳам мисли Тоҷикистон ҳар сол аз селу обхезиҳо зарари зиёд мебинад. Ҳукумати мамлакат барои рафъи офатҳои табиӣ ситодҳои фаврӣ таъсис дода, ба зарардидагон кумак расонида мешавад.

Дар кишвари мо низ норасоии об эҳсос шуда, гармшавии глобалӣ ин мушкилотро дучанд кардааст. Парламенти мамлакат барои сарфакорона истифода бурдани об ва пок нигоҳ доштани манбаъҳои об санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул кардааст.

Дар Покистон ба ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд додаанд. Чунончи, дар нашрияҳои маъруфи Покистон, аз ҷумла «Навои баҳор», «Деҳот», «Агло қадам», «Боди шимол», «Овози Содиқобод», «Садои чанор», «The Patriot», «Asian sun» ва ғайра, ки ба забонҳои англисӣ ва урду нашр мешаванд, таҳти унвони «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи об пешсаф аст» мақолаҳо ба нашр расиданд. Ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим, пеш аз ҳама, ба таҳкими ҳамкорӣ ва танзими муносибатҳо дар ин соҳаи ҳаётан муҳим нигаронида шуда, муносибати навро дар истифодаи захираҳои об дар минтақа ва ҷаҳон талқин менамояд.

**Абдураҳмон БОДИР, намоянда аз Шоҳигарии Баҳрайн, коршиноси масоили об:**

- Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар сатҳи баланд баргузор гардид. Иштирокчиёни конфронс суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро хеле хуб пазироӣ намуданд.



Тоҷикистон ҳарчанд дорои захираҳои бойи оби тоза, аз ҷумла пиряххо, кӯлу дарёҳо ва чашмаҳои мусаффо, бошад ҳам, ба мушкилиҳои вобаста ба об таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Тавре огоҳ гардидем, дар ин кишвари сарсабзу хуррам бо мақсади идоракунии беҳтари захираҳои об «Барномаи ислоҳоти соҳаи об» амалӣ шуда истодааст. Сарвари давлати Тоҷикистон беҳтар намудани фарҳанги истифодаи оқилонаю сарфакоронаи об ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави обёриро таъкид карданд, ки барои ҳама кишварҳо қобили қабул аст.

Мо ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти обу иқлим баҳои баланд дода, изҳори умед менамоем, ки натиҷаҳои Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим саҳми муносиб хоҳад гузошт.

**Мусоҳиб Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



# АНҶУМАНИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН БАРГУЗОР ШУД

**Чанде пеш дар Театри давлатии мазҳакавӣ - мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ бо ибтикори Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Ҳамкории занон дар чаҳорчӯбаи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» анҷумани занони Тоҷикистону Чин баргузор гардид.**

Меҳмонон нахуст аз намоиши асарҳои рассомони Тоҷикистон таҳти унвони «Симои зан» ва намунаҳои ҳунари хаттотии Чин бо номи «Моҳияти ҳаёт» дар Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дидан карданд.

Зимни ифтитоҳ муовини раиси вилояти Суғд Зайнура Азимӣ иштирокчиёни анҷуманро аз номи роҳбарияти вилоят шодбошӣ гуфт.

- Ҳадафи ин анҷуман тақвияти ҳамкории бонувони Тоҷикистон ва Чин дар чаҳорчӯбаи иқдоми «Як камарбанд, як роҳ» фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати табодули афкор, иттилооту таҷриба, такмили ҳамкории минбаъда ва таҳким бахшидани нақши бонувон дар рушди иқтисодии ҳар ду мамлакати ҳамсоя аст, - иброз дошт раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ зикр намуд, ки «ҳусни ҳамсоядорӣ, равобити иқтисодию фарҳангӣ, кор дар ҳама самтҳо дар даврони навини соҳибистиқлолӣ тавассути сиёсати бунёдкоронаю созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Сӣ Ҷинпин ба марҳилаи сифатан нави ҳамкорӣ баромадааст».

Раиси Кумитаи доимоамалкунандаи намояндагони халқии музофоти Шэнсии Чин Лӣ Сяомин аз «Шоҳроҳи бузурги абрешим» ёдовар шуда, иброз дошт, ки дар шоҳроҳ қарор доштани ду кишвари ба ҳам дӯсту қарин бозгӯи он аст, ки ҳар ду қадима ва дорои анъанаю фарҳанги бой ҳастанд. Тибқи иттилои Лӣ Сяомин дар музофоти Шэнсии Чин 39 млн. аҳолӣ ба сар мебарад, ки 12 млн. нафар занону духтарон буда, баробари мардон дар корҳои давлатдорӣ ва соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи музофот заҳмат мекашанд.

- Вазъи ҷаҳонро дида истодаем, ки басо ногувору муташанниҷ аст, - гуфт дар идома Лӣ Сяомин ва даъват ба амал овард: - Биёед, мо ҷамъияти хоҳарони Чину Тоҷикистонро таъсис дода, баҳри наҷоти сайёра аз ҷангу ҷидол ва нооромӣ мубориза барем.

Қисмати дуюми анҷуман бо баргузории сессияҳои алоҳида ва маърузаҳои пурмуҳтавои занону бонувон ва соҳибкорзанони ҳар ду кишвар идома кард.

Бунафша Файзиддинзода дар фарҷоми кори анҷуман аз сиёсати хирадмандонаи давлату Ҳукумати мамлакат дар раванди татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарики стратегӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ёдовар шуда, тақвият додани ҳамкориҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи занони Ҷумҳурии Мардумии Чинро таъкид намуд.

Баъди анҷоми анҷуман ҳайати Ҷумҳурии Мардумии Чин аз маркази Конфутсии назди Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон дидан намуда, бо фаъолияти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров шинос шуданд. Дар ҷараёни боздид аз толорҳои рассомӣ ва ҳунармандии донишгоҳ меҳмонон ба ҳунару маҳорат ва истеъдоди фавқулодаи донишҷӯён дар санъати тасвирӣ, наққошӣ ва дӯзандагӣ баҳои баланд доданд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

# ВМКБ. ҶАРО ИСТГОҲҲОИ НАҚЛИЁТӢ ХОЛИАНД?

**Дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон истгоҳҳои наву замонавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки албатта, ба намуди зоҳирии шаҳру ноҳияҳо зебогии дигар зам мекунанд. Масалан, дар маҳаллаҳои маркази шаҳри Хоруғ, қад-қади роҳҳои асосии автомобилгард бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояту шаҳр ва шарикони рушд истгоҳҳои муосир барои мусофирони нақлиёти ҷамъиятӣ бо тарҳу меъёри байналмилалӣ бунёд шуданд.**

Инчунин, соли гузашта дар заминаи татбиқи «Барномаи давлатии рушди мақсадноки нақлиёти Тоҷикистон то соли 2025» зиёда аз 20 автобуси муосир ба вилоят ворид гардида, сифати хизматрасонӣ дар хатсайрҳои байни шаҳру ноҳияҳои вилоят ба маротиб боло рафт. Имрӯз сокинони деҳаҳои хурду дурдасти вилоят низ аз шароити муосир ва фаъолияти хуби автобусҳо бархӯрдоранд. Илова бар ин, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва берун аз он нақлиёти сабуки мусофиркаши ширкатҳои «1111» ва «3333» шабу рӯз дар хизмати мардуманд, ки солҳои пеш чунин шароиту имконият барои сокинон шояд чун афсона менамуд, аммо ҳамаи ин пешравиҳои соҳаи нақлиёт бемуҳобот самараи истиқлолияту ваҳдати миллӣ ва марҳилаи нави рушди вилоятанд.

Паҳлуи асосии масъала он аст, ки теъдоди зиёди сокинон дигар имкониятҳои соҳа, бахусус, баҳрабардорӣ аз истгоҳҳои нақлиётиро сарфи назар карда, ҳар 15 - 20 метр меистанд. Ин омил ба он оварда мерасонад, ки ҳар субҳ кормандони ин ё он идораву муассисаҳо ба кор ва толибилмону донишҷӯён бошанд, ба дарсҳо дер мекунанд.

Тавре роҳбари Корхонаи воҳиди давлатии «Бадахшоннақлиёт» Палла Худоиев иброз намуд, ҳоло автобусҳои нав дар шаҳру ноҳияҳои вилоят мувофиқи реҷаҳои муайяншуда фаъолият доранд, аммо маданияти истифодабарии истгоҳҳои нақлиётӣ, бахусус дар маркази вилоят шаҳри Хоруғ, беҳбудии ҷиддӣ мехоҳад.

- Баъзе сокинон ҳатто дар вақти пиёда шудан аз автобус бо ронандагон баҳс мекунанд, яъне ба қавли онҳо ронанда нақлиётро ҳатман дар ҷойе бояд манъ кунад, ки мусофирон ишора менамоянд, вале ин рафтори онҳо на аз лиҳози этикӣ ва на истифодаи мақсадноки нақлиёти ҷамъиятӣ дуруст мебошад, зеро ронандаи автобус ҳақ дорад, ки танҳо дар ҷойи муқарраршудаи самти ҳаракат, бахусус истгоҳҳои нақлиёти мусофиркаш, нақлиётро нигоҳ дорад. Лекин чунин тасмимгирӣ талаботи баъзе мусофирони ҳозираро қонеъ намекунад ва онҳо вақти пиёда шудан, ҳатто барои ним метр дур рафтани нақлиёт бо ронандагон баҳс мекунанд, - афзуд роҳбари КВД «Бадахшоннақлиёт».

Сокини шаҳри Хоруғ Умед Мамадшерзодшоев ҳар рӯз аз назди варзишгоҳи марказӣ то боғи ботаникии шаҳр, яъне ҷойи кори асосиаш, бо автобус меравад. Ӯ мегӯяд, ки ба туфайли соҳибистиқлолии мамлакат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои ҳама гуна нақлиёти мусофиркаш шароиту имкониятҳои зиёде фароҳам оварда шуд, вале маданияти истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ ва танзиму низом дар соҳа ҳанӯз аз сокинону масъулин таваҷҷуҳу беҳбудии ҷиддӣ мехоҳад.

Воқеан, мушоҳида мешавад, ки баъзан нақлиёти калонҳаҷми мусофиркаш аз нуқтаи «А» то «Б» бо ду - се нафар мусофир меравaду халос. Ба ибораи дигар, дар хатсайрҳои асосӣ нақлиёти алтернативӣ, яъне «тангемҳо» бисёртар ҳаракат карда, мусофиронро сари ҳар қадам гирифта мераванд. Бинобар ин, интизор шудан дар истгоҳҳо барои дигарон аз аҳамият холӣ аст.




Раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот низ чандин бор дар машварату ҷаласаҳои корӣ доир ба мушкилоти мазкур эродҳои ҷиддӣ гирифт, вале ин масъала ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтааст. Дар ин бобат, аз сокинон то масъулон бояд масъулияти бештарро бар дӯш гиранд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# 10800 СОМОНӢ ҶАРИМА БАРОИ АЗ ТАҲСИЛ ДУР МОНДАНИ ФАРЗАНД

**Ҷалби насли наврас ба мактаб аз масъалаи мубрам ва хеле муҳим буда, волидон ба он бояд аҳамияти ҷиддӣ диҳанд ва барои босавод гардондани фарзандон тамоми имконоти мавҷударо истифода баранд. «Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагӣ дорад. Бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меорад ва боиси ақибмонии ҷомеа мегардад». Ин иқтибос аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд ҳар фардро ба андеша водор намояд ва масъулияти шаҳрвандии ӯро бештар гардонад.**

Вале таассуфовар аст, ки баъзе волидон нисбат ба таълиму тарбияи фарзанд бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Ин дар ҳолест, ки давлат барои насли наврас тамоми шароитро фароҳам овардааст. Масъулияти падару модарро барои таълиму тарбияи фарзанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мушаххас намудааст, аммо баъзе волидон ба қонунҳои амалкунандаи кишвар итоат намекунанд, ҳарчанд таълиму тарбияи фарзанд дар ҳамкории зичи оила бо мактаб ва ҷомеа бояд сурат гирад.

Чанде пеш бо ҳукми суди ноҳияи Рашт шаҳрванд Қ. Муллоева гунаҳгор дониста шуд. Номбурда хилофи талаботи моддаи 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал намуда, барои гирифтани таҳсилоти умумии асосии фарзандаш С. М. беаҳамиятӣ зоҳир кардааст. Дар натиҷа, фарзандаш аз моҳи сентябри соли гузашта то моҳи январи соли равон аз таҳсил дур монда, ба оворагардӣ ва дигар корҳои беҳуда машғул шудааст. Баъди дахолати кормандони ҳифзи ҳуқуқ хонандаи мазкур ба таҳсил фаро гирифта шуд.

Дар мурофиаи судӣ айбдоршаванда гуноҳашро пурра ба зимма гирифта, аз ин амали ноҷои худ изҳори пушаймонӣ кард.

Суди ноҳия Қ. Муллоеваро тибқи моддаи 164-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор донист. Бо ӯ мувофиқи ин модда ва бо дастрасии моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки баробар ба 10800 сомонӣ мебошад, таъин шуд. Лозим ба тазаккур аст, ки ин ҷо, маҳз маърифати пасти ҳуқуқии айбдоршаванда боиси гумроҳ гардидани худу фарзандаш гардидааст.

Қ. Муллоева шояд ҳеҷ гумон накардааст, ки саҳлангорӣ дар тарбияи фарзанд сабаби ба роҳи бад рафтани ӯ мегардад. Дар натиҷа ё ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ шомил мегардад ва ё ба дуздию ғоратгарӣ ва мардумозорӣ даст мезанад. Дар ин ҳолат падару модар ҳам дар назди қонун ҷавобгар мешаванду ҳам дар назди ёру дӯстон ва хешу табор сархаму хиҷолатманд.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# 54,5 МЛН. СОМОНӢ БАРОИ ТАЪМИРИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИЮ ТОМАКТАБӢ

**Соли равон барои таъмири муассисаҳои таълимию томактабии вилояти Хатлон аз ҳисоби буҷети вилоят 54,5 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 11 миллион сомонӣ зиёд мебошад.**

Тавре муовини сардори Сарраёсати молияи вилояти Хатлон Бобоназар Давлатов иброз намуд, 50,2 миллион сомонӣ барои таъмири муассисаҳои таълимӣ ва 4,3 миллион сомонӣ барои муассисаҳои томактабӣ пешбинӣ шудааст.

Номбурда афзуд, ки то ин вақт 22,3 миллион сомонӣ ҷудо гардида, маблағи боқимонда марҳила ба марҳила ҷудо мешавад.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

Роҳовард

# ВАТАН - САРЧАШМАИ БАХТУ САОДАТ



**Ноҳияи Айнӣ. Роҳе печ дар печ. Фондарёи саркашу тӯфонӣ. Кӯҳҳое сокиту пур аз роз ва сар ба афлок барафрохта. Мардуме, ки хонаҳое аз санг дар сангистон сохтаанд. Чашмаҳое аз дили санг ҷӯшида мебароянд, дарахтон реша дар санг доранд. Дар домани кӯҳҳо чаманҳое сабз ба чашм мерасанд, ки ба дил фараҳ мебахшанд. Мошини мо сӯи рӯди Зарафшон меравад, Фондарё раҳнамои мост. Мо меравем, рӯд ҳам меравад, аз тамошои манзараҳои пурасрори кӯҳистон ба ваҷд меоем, Фондарё ҳам беқарорӣ мекунад, печутоб мехӯрад, мерақсад, месарояд.**

Ба Зарафшон мерасем. Рӯди Фон худро ба оғӯши Зарафшон меандозад. Онҳо чун ошиқу маъшуқ бо ҳам мепечанд, сармасту сархуш роҳи худро идома медиҳанд.

Бояд ба шаҳри Панҷакент равем ва дар маҳфили адабию фарҳангии адиб, рӯзноманигор, барандаи Ҷоизаи Иттифоқи нависандагон ба номи Садриддин Айнӣ ва Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Абдурауф Муродӣ, ки ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Ватан - сарчашмаи бахту саодат» баргузор мегардад, ширкат варзем, бо ҳаёти фарҳангию иҷтимоии шаҳр ошно шавем.

Зарафшон роҳнамою ҳамсуҳбати хуб аст, моро ба деҳаи Дардар мебарад, ба зодгоҳи Шоири халқии Тоҷикистон, муаллифи Суруди миллӣ устод Гулназар Келдӣ. Шоире, ки умре ишқи Ватанро шеър сохт, муҳаббатро тараннум намуд, ошиқона зист ва ошиқона моро тарк кард.

Аз Дардар мегузарем ва ба Урметан, зодгоҳи Шоири халқии Тоҷикистон шодравон Қутбӣ Киром, мерасем. Шоире, ки мисраъҳои зеринро сурудааст:

**Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?**
**Ҳар кӣ гуфтаст, то куҷо мард аст.**
**Зиндагӣ марду мард мехоҳад,**
**Сари болою дард мехоҳад.**

Ҳавои форами кӯҳистон ба ҷисму ҷон фараҳ мебахшад. Манзараҳои сабзу хуррам нури чашмро афзун мегардонанд. Илҳомро мисли рӯди Зарафшон ба ҷӯш меоранд.

Ба шаҳри Панҷакент мерасем, ҷодаҳо тозаю озода, биноҳо хуштарҳ, одамон хушбархӯрду хушсухан. Бо як нигоҳ ошиқи шаҳру сокинони одамдӯсташ мешавем. Он ҷо бо адибони машҳур Ато Мирхоҷа, Салими Зарафшонӣ, Сироҷиддин Икромӣ, Юнус Юсуфӣ, Шодӣ Раҷабзод, Толиби Луқмон, Муҳриддин Сабурӣ, Бузургмеҳри Тоҷиддин ва рӯзноманигор Ҳотами Ҳомид вохӯрдем, ки барои ширкат ба маҳфили «Ватан - сарчашмаи бахту саодат» омадаанд.

Ба Кохи Лоиқ рафтем. Дар ҳавлии кох муҷассамаи бошукӯҳи шоир гузошта шудааст, ки нигоҳи меҳрбораш чун рӯди Зарафшон ба сӯи абадият ҷорист. Он ҷо пиру ҷавон гирд омадаанд, баъзеҳо дар даст гул, баъзеи дигар китоб доранд. Бо чеҳраи болида ва дили беқарор мунтазири оғози маҳфиланд. Дар симои онҳо рамзи зебоӣ ва нури маърифат ба хубӣ мушоҳида мешавад. Духтараке шеър хонд, бонувон бо завқ суҳбат доранд, гурӯҳи дигар даври адибон ҷамъ шудаанд, Ато Мирхоҷа хушгӯӣ дорад.

Ҷавонмарде ба ман наздик шуда, бо муҳаббат салом дода, ба Панҷакент хайрамақдам гуфт ва афзуд:

- Маъруфҷон, аз деҳаи Урметан ҳастам, дар мактаб дарс мегӯям. Омадани меҳмононро шунида дар хонаи устоди шодравон Қутбӣ Киром ҷамъ шудем. Бовар доштем, ки шумоён ба хонаи устод сар зада, ёди он касро гиромӣ медоред...

- Нахостем, ки шуморо ба ташвиш гузорем, - сурх шуда баҳона пеш овардам.

Гилаи Маъруфҷон ба ҷо буд. Бояд ба деҳаи Урметан медаромадем, ба манзили устод мерафтем, бо сокинони деҳа дидор медидем...

Маҳфилро Ато Мирхоҷа ифтитоҳ ва Абдурауф Муродиро тамҷид карду гуфт, ки нависандаест дар ҳаҷв дасти тамом дорад ва дар ин ҷода аз адибони саршиноси ҷумҳурӣ мебошад. Сипас, шеъри танзомезе, ки раҳораҳ дар бораи Абдурауф Муродӣ эҷод намудааст, хонд:

**Зист Муродӣ, на ҳамоно ки зист,**
**Боз асарҳои аҷибе навист.**
**Назми хушаш марҳами дилҳои мо,**
**Насри азизаш ҳама танзи қавист...**
**Табъи равонаш зи Зарафшони ӯст,**
**Лутфи латиф аст варо исту бист.**

Абдурауф Муродӣ суханро аз шукронаи сулҳу ободӣ оғоз кард ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ситоиш намуд, ки ин ҳама файзу баракат бо талоши он кас дар Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Шеъри «Пешво»-и адибро духтараке бо исми Париноз он қадар ҷолибу зебо хонд, ки ҳозиронро мафтун сохт.

Соҳибҷашн бо ҳазлҳои намакин хотири аҳли толорро шод гардонду сарояндагон Тоҳир Қаробеков, Алишер Қаноатзода, Гулпарӣ Орифзода, Ёқубҷон Исмоилзода таронасароӣ карданд. Гулдухтарони ансамбли рақсии «Дилоро» бо арғушти зебои худ ба маҳфил нуру сафо бахшиданд.

Шод зистан суннати азалии мардуми тоҷик буда, ҷузъи асосии фарҳанги миллии мо гаштааст. Мо ин ҳолро на танҳо дар толори Кохи Лоиқ мушоҳида намудем, балки дар симои одамон дар кӯчаю бозор, боғу саҳро дидем. Ҳама паи меҳнати бунёдкорона буданд. Ҳангоми суҳбат табассум аз лабонашон канда намешуд. Хусусан, бо ҳар ҷавоне, ки суҳбат намудем, бедорию худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии онҳо моро ба ваҷд меовард.

Панҷрӯд ба зиёрати оромгоҳи устод Абуабдулоҳи Рӯдакӣ рафтем. Моро назди дарвозаи Маҷмааи ҷумҳуриявии таърихию фарҳангии Панҷрӯд сарвари он Умарҷон Саидов ва омӯзгор Абдуҳаким Толибов пешвоз гирифтанд. Сари мазори устод Рӯдакӣ меҳмонон шеър хонданду ёди шоирро гиромӣ доштанд. Осорхонаю китобхонаи маҷмааро низ дидем. Умарҷон Саидов таъкид намуд, тармиму навсозӣ ва ободонии мақбараи устод Рӯдакӣ бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гаштааст.

Вақте дар чойхонаи рӯ ба рӯи мақбара суҳбат оростем, одамон шукри сулҳу амниятро карданд. Сулҳ бошад, амният бошад, Тоҷикистони мо боз ҳам ободтар мешавад, - гуфтанд онҳо. Абдуҳаким Толибов, муаллим аз деҳаи Артуч, бо ишқу муҳаббати беандоза нисбат ба Сарвари давлат суҳбат оғоз кард: «Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инсони хосе ҳастанд, ки Худованд ба мо додааст. Мақоми он кас болотар аз ҳама сиёсатмадор аст. Шахсияти беназир, муаррифгари чеҳраи тоҷикон дар олам ҳастанд. Мо ташаббусҳои он касро дастгирӣ менамоем ва пайрави садоқатманди Пешвои миллат ҳастем».

Воқеан, миёни мардум рафтан, бо онҳо суҳбат намудан, аз кору борашон огоҳ гаштан ба ҳар эҷодкор илҳом мебахшад. Вақти он расида, ки аз кору пайкори мардумони одӣ, онҳое, ки ба миллату Ватан аз дилу ҷон хидмат менамоянд, шоирону нависандагон шеъру достон, ҳикояву романҳо нависанд ва зиндагии имрӯзи халқи тоҷикро тавассути асарҳои пурарзиши хеш ҷовидона гардонанд.

**ВОРИС, «Садои мардум»**



# ПОШХӮРИИ ОИЛАҲО

## Проблемае, ки ҳалли он чораандешиҳои ҷиддию қатъиро мехоҳад

**Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар се моҳи аввали соли равон дар ҷумҳурӣ 2 ҳазору 301 ҳолати бекор кардани ақди никоҳро ба қайд гирифтааст. Нишондоди мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 618 ҳолат кам мебошад, вале масъала ҳанӯз ҳам ташвишовар боқӣ мемонад.**

Пошхӯрии оилаҳо дар ҷомеаи мо мушкили нав нест. Барои бартараф намудани он то имрӯз сохторҳои марбута тадбирҳои зиёд андешиданд. Чунончи, ба ин мақсад, соли 2015 дар Тоҷикистон «Соли оила» эълон шуд. Аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оила бахшида ба «Соли оила» Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва бо Қарори Ҳукумати кишвар қабул гардид, ки дурномаи сиёсати давлатро дар самти таҳкими оила муайян месозад, аммо рақамҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар ин самт ҳанӯз натиҷаҳои дилхоҳ ба даст наомадааст.

Ташвишовар он аст, ки пош хӯрдани оила оқибатҳои ногувор дошта, дар ҷомеа мушкилоти дигарро ба миён меорад. Вақте ҳамсарон аз ҳам ҷудо мешаванд, эҳтиромашонро миёни аъзои хонавода гум мекунанд ва ҳолати равониашон хароб мегардад.

Мушкили дигар он аст, ки бисёр оилаҳо бо ҷангу ҷидол ҷудо мешаванд ва ин ҳолат аз нигоҳи равоншиносӣ барои кулли аъзои оила - падару модар ва кӯдакон таъсири манфӣ мегузорад.

Сайфиддин Расулов, равоншинос, омӯзгори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, оиларо яке аз ниҳодҳои асосӣ ва муҳимтарини шахсиятсоз арзёбӣ намуд: «Миёни ниҳодҳое, ки ба шахсиятсозии инсон сарукор доранд, оилаи солим мавқеи меҳвариро ишғол мекунад. Аввалин иҷтимоишавии кӯдак маҳз аз оила оғоз мешавад ва раванди минбаъдаи ҳаёти инсон аз муносибате, ки дар оила бо ӯ доштанд, вобастагии зиёд дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки роҳи ҳаёти оилавии ҳама яксону ҳамвор нест, бо сабабҳои гуногун баъзан оилаҳо пош мехӯранд, ки дар натиҷа муҳити носолим пайдо мешавад ва ин баояндаи кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад».

Нафароне, ки дар оилаи солим ба воя мерасанд, табиист, ки аз оила ҳамеша ва ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд. Онҳо муҳимтарин арзишҳои инсонӣ ва фарҳанги оиладориро маҳз аз муҳити солими оила аз худ менамоянд, дар зиндагии босаодати худ ва ҷомеа саҳм мегузоранд. Оилаи солим бошад, оилаеро меноманд, ки дар он падару модари кӯдак бо ҳам зиндагӣ мекунанд, дар ба камол расондани фарзандон саҳми баробар доранд, мушкилоти зиндагии хешро бо ҳам бартараф менамоянд.

Сабоҳат Рустам, мудири бахши иттилооти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни суҳбат гуфт, ки ҳоло хушунати хонаводагӣ, камбизоатӣ, дахолати шахсони сеюм ва хиёнат аз омилҳои асосии пошхӯрии оилаҳо мебошанд. Ба гуфти ӯ, кумита ва сохторҳои он, ки дар шаҳру ноҳияҳои кишвар фаъолият доранд, барои пешгирии ин раванд миёни ҷомеа корҳои фаҳмондадиҳӣ мебаранд. «Ҳамасола бо талоши кормандони соҳа ва мақомоти судӣ (тавассути муҳлат додан) чандин оилаҳо аз ҷудо шудан эмин мемонанд. Баъзан ба кумита ва мақомоти судӣ аз номи занон муроҷиат ворид мегардад, ки аллакай мард ба зан талоқи мусулмонӣ додааст. Табиист, ки дар ҳолатҳои мазкур на кумита ва на мақомоти судӣ бо чунин оилаҳо корбарӣ карда наметавонанд», - афзуд номбурда.

Омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки баъзе оилаҳо, махсусан оилаҳои ҷавон, бо сабаби ночизе аз ҳам ҷудо мешаванд, ки инро далели омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона метавон шумурд.

- Бо мақсади баланд бардоштани маърифати оиладории ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои хонандагони синфҳои 10 фанни «Маърифати оиладорӣ» ба барномаҳои таълимӣ ворид гардид. Инчунин, баҳри таъмини солимии оила ва ҷомеа вобаста ба никоҳи хешутаборӣ ва муоинаи тиббии издивоҷкунандагон ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд, - изҳор дошт Сабоҳат Рустам.

Бояд гуфт, ки пошхӯрии оилаҳо дар кишвари мо мушкилоти нав ҳам набошад, солҳои охир ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа табдил ёфта, тадбирандешиҳои мақомот ва масъулин дар самти пешгирии ин зуҳурот натиҷаҳои дилхоҳ камтар дошт. Аз ин рӯ, коршиносон барои ҳалли ин проблема ё кам намудани шумораи ҷудошавии оилаҳо роҳандозии чораҳои ҷиддитар ва қатъиро зарур мешуморанд.

Агар хоҳем фарзандонамон солим ба воя расанд, аз арзишҳои инсонӣ бенасиб намонанд, бунёдкору ватандӯст бузург шаванд, бояд бо истифода аз ҳама роҳу воситаҳо пеши роҳи ҷудошавии оилаҳоро гирем. Зарур ва ногузир аст, ки дар ҳалли ин мушкил на танҳо сохторҳои алоҳида, балки тамоми ҷомеа саҳмгузор бошанд.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**Дастгоҳи марказӣ, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:**

1. Сардори раёсати кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ, маоши мансабӣ - 4409,90 сомонӣ;
2. Сардори раёсати пешбурди феҳристи қарздорон ва махзани электронӣ, маоши мансабӣ - 4409,90 сомонӣ;
3. Муовини сардори раёсати кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ, маоши мансабӣ - 3438,05 сомонӣ;
4. Муовини сардори раёсати пешбурди феҳристи қарздорон ва махзани электронӣ, маоши мансабӣ - 3438,05 сомонӣ;
5. Ёвари сардори Хадамот, маоши мансабӣ - 2434,85 сомонӣ;
6. Мудири бахши технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, маоши мансабӣ - 2434,85 сомонӣ;
7. Сармутахассиси раёсати кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ, маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ;
8. Сармутахассиси раёсати пешбурди феҳристи қарздорон ва махзани электронӣ, маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ;
9. Сармутахассиси шуъбаи умумӣ ва корҳои махсус, маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ;
10. Мутахассиси раёсати ташкил ва назорати иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро, маоши мансабӣ - 1484,80 сомонӣ;
11. Мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ, маоши мансабӣ - 1798 сомонӣ;
12. Мутахассиси пешбари раёсати пешбурди феҳристи қарздорон ва махзани электронӣ, маоши мансабӣ - 1798 сомонӣ;
13. Мутахассиси пешбари шуъбаи молия ва иқтисод, маоши мансабӣ - 1798 сомонӣ;
14. Мутахассиси пешбари бахши технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, маоши мансабӣ - 1798 сомонӣ;
15. Мутахассиси бахши технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, маоши мансабӣ - 1484,80 сомонӣ;
16. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар ноҳияи Нуробод, маоши мансабӣ - 1809,60 сомонӣ;
17. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар ноҳияи Сангвор, маоши мансабӣ - 1809,60 сомонӣ;
18. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, маоши мансабӣ - 1635,60 сомонӣ;
19. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, маоши мансабӣ - 1635,60 сомонӣ;
20. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, маоши мансабӣ - 1635,60 сомонӣ;
21. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, маоши мансабӣ - 1635,60 сомонӣ;
22. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Ваҳдат, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
23. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Ҳисор, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
24. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Турсунзода, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
25. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Рӯдакӣ, маоши мансабӣ - 1484,80 сомонӣ;
26. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Варзоб, маоши мансабӣ - 1484,80 сомонӣ;

**Раёсати иҷро дар ВМКБ:**

27. Мутахассиси пешбари раёсат, маоши мансабӣ - 1599,40 сомонӣ;
28. Мутахассис, маоши мансабӣ - 1390,40 сомонӣ;
29. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Хоруғ, маоши мансабӣ - 1947,20 сомонӣ;
30. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Дарвоз, маоши мансабӣ - 1529,60 сомонӣ;
31. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Мурғоб, маоши мансабӣ - 2375,60 сомонӣ;
32. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Рӯшон, маоши мансабӣ - 1529,60 сомонӣ;
33. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Роштқалъа, маоши мансабӣ - 1536 сомонӣ.

**Раёсати иҷро дар вилояти Суғд:**

34. Мудири бахши молия ва иқтисод, маоши мансабӣ - 2204,95 сомонӣ;
35. Мутахассиси раёсат, маоши мансабӣ - 1345,60 сомонӣ;
36. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Исфара, маоши мансабӣ - 1902,40 сомонӣ;
37. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Хуҷанд, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
38. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
39. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Исфара, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
40. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Истаравшан, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
41. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, маоши мансабӣ - 1484,80 сомонӣ;
42. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Спитамен, маоши мансабӣ - 1484,80 сомонӣ;
43. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Деваштич, маоши мансабӣ - 1484,80 сомонӣ;
44. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии вилояти Суғд, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;

**Раёсати иҷро дар вилояти Хатлон:**

46. Сардори раёсат, маоши мансабӣ - 3814,25 сомонӣ;
47. Мутахассиси раёсат, маоши мансабӣ - 1345,60 сомонӣ;
48. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар Суди ҳарбии гарнизони Хатлон, маоши мансабӣ - 1902,40 сомонӣ;
49. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Норак, маоши мансабӣ - 1902,40 сомонӣ;
50. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Бохтар, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
51. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Кӯлоб, маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ;
52. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ёвон, маоши мансабӣ - 1112,2 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- расми 4х6 - 2 дона, 9х12 - 1 дона;
- тарҷумаи ҳол (дастнавис ва чопӣ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи диплом бо замимааш;
- маълумотномаи тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ аз мақомоти андоз;
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;
- маълумотнома дар бораи ҳайати оила;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- рақами ягонаи суғуртавӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ;
- хислатнома;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- ҷуздон (скоросшиватель);
- лифофа.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сардори раёсат:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби муовини сардори раёсат:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мудири бахши технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ:**

- таҳсилоти олии касбии ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи хуби истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир (компютер).

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мудири бахши молия ва иқтисод:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер;
- дигар талаботи тахассусӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳатмӣ мебошад.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сармутахассиси шуъбаи молия ва иқтисод:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.
- дигар талаботи тахассусӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳатмӣ мебошад.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сармутахассис ва иҷрочии калони мақомоти иҷро:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбар ва иҷрочии мақомоти иҷро**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассис:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- малакаи хуби муоширát бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:**

Ҳуҷҷатҳо аз тарафи комиссияи қабул, дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи И.Сомонӣ 8 (бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ошёнаи 3-юм) дар давоми 21 рӯз аз рӯзи нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун қабул карда мешавад.

**Телефонҳо барои тамос: 2-28-98-29; 2-28-98-36.**

**Эзоҳ:** Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ ҳар моҳ ба андозаи муқаррargардида пардохт карда мешавад.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 423224 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бойгонии замонавӣ (мобильные передвижные архивы) барои Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Мол | 1 | 11.07.2024 10:10:22 |
| 2 | 423208 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 155 | 17.07.2024 16:00:00 |
| 3 | 423209 | Муассисаи давлатии «Қароргоҳи Искандаркӯл»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.07.2024 16:30:00 |
| 4 | 423212 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №31»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 17.07.2024 16:50:31 |
| 5 | 423213 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргогоҳ-кӯдакистони №136»- ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 17.07.2024 16:51:20 |
| 6 | 423210 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдошти боғу гулгашт, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, ниҳоли гул ва поруи органикӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 17.07.2024 16:56:56 |
| 7 | 423215 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, масолеҳи сохтмонӣ, электрод, асбобҳои дастӣ, насоси обкашӣ, диски алмосӣ ва дастпӯшакҳои корӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 17.07.2024 17:34:09 |
| 8 | 423217 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таърихӣ-фарҳангии «Истиқлол» | Ниҳоли гул, тухми пиёзаки лола, насоси фаввора ва кондитсионер | Озмуни кушод | Мол | 11 | 17.07.2024 17:39:39 |
| 9 | 423214 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 ба номи Усмон Қосимови шаҳри Истаравшан | Таъмири намои берунии муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.07.2024 18:30:00 |
| 10 | 423219 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №21-и шаҳри Исфара | Мебел ва таҷҳизоти техникӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 17.07.2024 19:40:00 |
| 11 | 423220 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №20-и шаҳри Исфара | Плитаи электрикӣ, қолин ва мебел | Озмуни кушод | Мол | 11 | 17.07.2024 19:50:00 |
| 12 | 423221 | Муассисаи давлатии «Маркази рушди истеъдодҳо»-и шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ ва канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 44 | 22.07.2024 08:29:00 |
| 13 | 423222 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №32»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 17 | 22.07.2024 08:30:00 |
| 14 | 423225 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири фарши бинои муассиса (ҳаҷм 616 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 22.07.2024 10:21:51 |
| 15 | 423229 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Реактивҳои лабораторӣ ва доруҳои зидди паразитӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 22.07.2024 11:00:00 |
| 16 | 423231 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №1»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 36 | 22.07.2024 14:15:35 |
| 17 | 423227 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами №39-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 22.07.2024 14:20:00 |
| 18 | 423234 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии 5» | Видеоколпоскопи рақамӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.07.2024 14:45:00 |
| 19 | 423235 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №1»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Гӯшти лаҳми гов | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.07.2024 15:00:35 |
| 20 | 423226 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Сохтмони 4 синфхонаи иловагӣ дар назди муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.07.2024 10:37:02 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии силсилаи А02382796, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 6 августи соли 2019 ба Хакимов Джахонгир Давлатович (РМА 035183245) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Ҳакимов Муҳаммадшариф Давлятович (РМА 128067020) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникӣ бо рақами инвентарии 73853, ки онро соли 1989 КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Очамайли ба Исроилов Рустам додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ч. Имомов, хонаи 13/1 ба Қандов Исломҷон Ҳабибулохонович (РЯМ 195095523) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттетстати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №118627, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №78-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Мадалиев Амирҷон Каримхонович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 3130017926, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон ба Раҳмонов Усмонҷон Анварович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ № 0006061, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2014 ба Азамати Махкам додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №10227700, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2022 ба Камолов Акрам Тағойназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи РВ №839681 ки онро Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон соли 1988 таҳти қайди 4781 ба Ғиёсов Нуридин Ниёзович додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи гумшудаи назорати хазинавии хотирааш фискалии тамғаи «Миника 1102 Ф» №1022013-и марбут ба соҳибкори инфиродӣ Неъматов Муродалӣ Ҳасанович (РМА 037165426) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Н. Маъсумӣ, хонаи 59 ба Қобилов Акмал Комилович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ҷумъаи Одина, хонаи 16 ба Кабилов Кадир Камилевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 5/2, хонаи 32 ба Бадридинзода Зайниддин Бадридин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Фархор таҳти №600 бо суроғаи ноҳияи Фархор, шаҳраки Фархор, кӯчаи И. Шариф, бинои 17/1 ба Қурбонов Амрахон Муслимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши биноҳои таҳти Литери 1А1/сб ва 3Б. 1/сб сехи нонпазӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15-уми августи соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Комсомол, биноҳои таҳти Литери 1А1/сб ва 3Б1/сб ба Ахмедов Азизҷон Тоҳирҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи №А03223181, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 15-уми феврали соли 2020 ба Назаров Муҳаммадзоир Бароталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1094015, ки онро Литсейи МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон 7 июли соли 2022 ба Холов Абдуқодир Абдусаторович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ таҳти қайди 66762, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, бинои 26, хонаи 40 ба Мирзоева Мастура Салоховна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти №8Ш-5345, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 19 октябри соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, бинои 26, хонаи 40 ба Мирзоева Мастура Салоховна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ таҳти № 9724, бо рақами электронии 14663, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 26 марти соли 2006 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи А. Юсупов, бинои 12, хонаи 17 ба Назиров Маруфҷон Давлатбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ таҳти № 1078, бо рақами электронии 16189, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 10 декабри соли 2018 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор ба Шаропов Маҳмурод додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №253586, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2003 ба Орифов Исомиддин Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-617, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 26 феврали соли 2019 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Ҳазора ба Мерганов Довудҷон Тахирович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №0744720, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2018 ба Ҳайдарова Шарифамо Саидовна додааст, эътибор надорад.

Роҳбарият ва кумитаи иттифоқи касабаи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба корманди муассиса Исоев Маҳмадшариф бинобар вафоти

**ҲАМСАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи давлатсолор ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 3 июли соли 2024, соати 11:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33100 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97